«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии**
**Тоҷикистон д.и.и., профессор**
**Хушвахтзода Қ.Х.**

«12» 05 2023 с.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи докторанти (PhD) Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021000 – Филологияи хориҷӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич соли 2020 шуъбаи магистратураи факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забоншинос хатм кардааст. Номбурда баъди хатми шуъбаи магистратура соли 2020 ба шуъбаи докторантураи ДМТ дохил шуда, соли 2023 онро аз рӯйи ихтисоси 6D021000 – Филологияи хориҷӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) хатм намудааст. Гувоҳномаи супоридани имтиҳонҳои маҷмӯӣ соли 2023 аз тарафи ДМТ таҳти рақами №77 дода шудааст.

Роҳбари илмии Раҳматуллоев М. доктори илми филология, профессор Мамадназаров Абдусалом мебошад. Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ дар таърихи 30. 10. 2020, қарори №1 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар давраи имрӯза таваҷҷуҳи олимони забоншинос бештар ба масъалаҳои низоми истилоҳотӣ дар забонҳои гуногун равона шудааст. Дар ин замина ба вижа равандҳои ташаккулёбии ифодаҳои истилоҳӣ дар забонҳое, ки аз ҷиҳати сохтор мухталифанд, монандӣ ва фарқиятҳои ин гуна истилоҳот таҳқиқ мешаванд. Яке аз ин низомҳои истилоҳотӣ низоми истилоҳотии рӯзноманигорӣ мебошад.

Таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ-маънoии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кор карда баромадани тавсияҳои амалиеро дар назар дорад, ки барои мураттаб гардондани низоми истилоҳотии зикршуда дар забонҳои муқоисашаванда мусоидат мекунанд. Беш аз ҳама ба ин тавсияҳо забони тоҷикӣ ниёзманд аст, зеро низоми истилоҳотии он дар риштаи рӯзноманигорӣ ҳанӯз ба тарзи пурра ташаккул наёфтааст.

Бояд таъкид кард, ки оиди назарияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ асари махсусу мукаммали таҳқиқотие дар забоншиносии англису тоҷик вуҷуд надорад. Дар асарҳои бешумори илмие, ки таърих, назария, амалия ва дигар паҳлуҳои гуногуни соҳаи рӯзноманигориро мавриди баҳс қарор додаанд, гоҳ-гоҳ таҳқиқи истилоҳот ҳамчун таҳқиқи маводи марбутаи масъала анҷом мегирад. Бо вуҷуди ин асарҳои мазкур дар навбати худ сарчашмаи бебаҳои истилоҳот мебошанд. Самти асосии омӯзиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ин фарҳангнигории истилоҳот ё худ истилоҳнигорӣ (терминография) мебошад. Гирдоварӣ, тасниф ва шарҳи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар луғатнома, донишномаҳо ва маълумотномаҳои махсус моҳияти ин самтро ташкил медиҳад.

Таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ ва маъноӣ меъёрҳои асосии таснифи истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз рӯйи мансубияти сохторӣ, маъноӣ, соҳавӣ ва мавзуӣ муқаррар карда шудаанд. Усулҳои таҳлили сохтории қиёсӣ ва этимологии истилоҳоти забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар омӯзиши истилоҳоти соҳаҳои дигар низ метавонад истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои муайян намудани қонунҳои умумӣ ва мушаххаси амалкард ва инкишофи низоми истилоҳоти рӯзноманигорӣ, аниқ кардани васила ва тарзҳои пурсамари истилоҳофаринӣ дар риштаи рӯзноманигорӣ равона шудаанд.

**Аҳамияти амалии** пажуҳиши мазкур аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ҳамчун маъхаз ва асоси назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти рӯзноманигорӣ истифода шуда метавонанд. Маводи таҳқиқ ҳамчун дастурамал барои кормандони васоити ахбори омма ва дастури таълимӣ барои соҳаҳои забоншиносӣ ва журналистика дастрас мегардад. Маводи амалии ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлили он барои истифода дар назария ва амалияи тарҷума, хусусан ҳангоми таҳияи луғатҳои соҳавӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Натиҷаи илмии рисолаи мазкурро барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, таҳияи маводҳои махсус барои ВАО, навиштани корҳои илмӣ барои факултетҳои забоншиносӣ ва журналистика истифода бурдан мумкин аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола тавсифи сохторӣ-вожасозӣ ва маънoии истилоҳоти рӯзноманигории

забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст таҳқиқ мегардад. Ҳамчунин намунаҳои истилоҳофарини истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар ҳар ду забон муайян карда шудаанд. Гузашта аз ин дар таҳқиқот бори нахуст этимологияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ ҳар ду забони муқоисашаванда ба тарзи аниқ ва мушаххас таҳлил карда шудааст.

Қобили таъкид аст, ки диссертатсияи мазкур сохтори ибораистилоҳоти забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ибораҳои исмӣ мавқеи асосӣ доранд. Таҳлили семантикӣ, таҳлили майдони истилоҳии рӯзноманигорӣ, ҳамчунин майдонҳо ва микромайдонҳои семантикии (маъноии) ба он шомилшаванда мавҷудияти сермаъноӣ (полисемия), муродифӣ (синонимия), мутазодӣ (антонимия), ҳамгунӣ (омонимия) ва маҷозро дар майдони истилоҳӣ муайян намуд. Таҳлили этимологӣ нишон дод, ки миқдори истилоҳоти аслии забони англисӣ ва тоҷикӣ ниҳоят кам аст. Бахши бузурги истилоҳоти англисӣ аз вожаҳои иқтибосии лотинӣ ва юнонӣ ташаккул ёфтаанд. Бештари истилоҳоти тоҷикӣ аз вожаҳои иқтибосии арабӣ иборатанд.

Докторант дар раванди таҳқиқ аз методҳои асосии зерини забоншиносӣ истифода бурдааст: методи индуктивӣ-дедуктивӣ; усули муқоисавӣ-типологӣ; усули таҳлили муқоисави этимологӣ; методи таҳлили сохторӣ. Усули таснифоти сохторӣ-маъноӣ дар кори таҳқиқоти мазкур барои ташхис ва таъини истилоҳоти гирдовардашуда, мавриди амал қарор гирифтааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 5 мақола инъикос ёфтааст:

[1-М] Раҳматуллоев М.С. Саҳми вожагони иқтибосӣ дар истилоҳоти журналистика дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – № 1 (90), 2021. – С.112-115.

[2-М] Раҳматуллоев М.С. Тавсифи этимологии истилоҳоти журналистика дар забони англисӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №3, 2021. – С.57-63.

[3-М] Раҳматуллоев М. С. Таҳлили этимологӣ ва сарчашмаи пайдоиши якчанд истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – № 5 (94), 2021. – С.74-77.

[4-М] Раҳматуллоев М. С. Таҳлили сохтори морфологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои ва англисӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 3, 2022. – С.49-56.

[5-М] Мамадназаров А., Раҳматуллоев М. С Корбурди аффиксҳои истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 3, 2023. – С.26-31.

Диссертатсия кори илмии баанҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021000 –

Филологияи хориҷӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқ аст.

Кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадуллоро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти ин, диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 6D021000 – Филологияи хориҷӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-17 нафар, «зид»-нест, «бетараф»- нест, қарори №9 аз 19. 05. 2023

Мудири кафедраи забони
англисӣ ва типологияи
муқоисавӣ н.и.ф., дотсент — Наврузшоев Баҳридин Хушолович

тел: 000090403
почтаи эл: bakhakhush@mail.ru

Котиби илмӣ: ассистенти кафедраи забони
англисӣ ва типологияи муқоисавӣ — Диёров Шоҳи Ҷаҳон Абдусамеҳович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992-37) 221-77-11 Факс: (+992-37) 221-48-84
E-mail:info@tnu.tjint.re@gmail.com http://www.tnu.tj

Имзои: Б.Х.Наврузшоев, Диёров Ш.А.-ро
«Тасдиқ мекунам»
сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э. Ш.

22.05.23